**БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН* ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022

*Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2022, вобаста ба вазъи мураккаб ва ғайричашмдошти сиёсию иқтисодӣ дар минтақа, ҷорӣ гардидани таҳримҳо нисбат ба шарики асосии тиҷоратӣ, номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ ва зиёд шудани фишорҳои қурбӣ ва таваррумӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2021 тағйирёбии нисбии нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ мушоҳида карда шуд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2022 меъёри кифоятии сармоя (МКС) дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 22,2 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 10,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар ин давра аз ҳисоби коҳишёбии нобаробари сармояи танзимшаванда (2,7 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (9,6 фоиз) ба вуҷуд омад. Меъёри К1-2 бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 0,2 б.ф. афзуда, ба 18,2 фоиз баробар гардид.

*1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ*




Новобаста аз ин, дар муқоиса ба интиҳои соли 2021 меъёрҳои К1-1 ва К1-2 мувофиқан ба андозаи 1,1 б.ф. ва 0,8 б.ф. коҳиш ёфтанд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи меъёри мақбул мутобиқ буда, 94,5 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2021 ба андозаи 24,2 б.ф. зиёд мебошад.

Сатҳи пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 120,0 фоизро ташкил намуд.

*2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)*




*Бонкҳо ва ТАҚХ

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯи дороиҳо ва сармоя дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шуда, мувофиқан 4,1 фоиз ва 20,2 фоизро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 мутаносибан ба андозаи 1,2 б.ф. ва 9,5 б.ф. зиёд мебошанд.

Қобили қайд аст, ки бо фоида ҷамъбаст гардидани фаъолияти аксари ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба афзоиши нишондиҳандаҳои мазкур мусоидат намуд.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




**Сифати сандуқи қарзӣ.** Дар интиҳои моҳи марти соли 2022 сифати сандуқи қарзӣ, бинобар бозхонди иҷозатномаҳои бонкҳои мушкилотдор ва татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол ва фурӯши амволи барои бозфурӯш гирифташуда ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявии 5 бонк беҳтар гардид. Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ ба 14,2 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2021 ба андозаи 9,0 б.ф. кам мебошад.

*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




**Хавфи асъорӣ.** Дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2022 мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар низоми бонкӣ дароз ҷамъбаст гардида, андозаи он 8,8 фоизро ташкил намуд, ки ба меъёри муқарраршуда (К6-1) мувофиқ мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи марти соли 2021 ба андозаи 5,6 б.ф. коҳиш ва пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 1,9 б.ф. афзоиш ёфта, мувофиқан 34,5 фоиз ва 47,9 фоизро ташкил намуданд, ки аз тадриҷан паст шудани раванди тафовути долларикунонии иқтисодиёт гувоҳӣ медиҳанд.

*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*